# ТАҚРИЗИ

**мушовири илмӣ, номзади илмҳои тиб Қосимов Маҳмадулло Маҳмадиевич ба рисолаи илмии Абдул Қоҳир Қодирӣ дар мавзӯи «Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) , доктор аз рӯйи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, 6D110112 – Саратоншиносӣ**

**Муҳимияти мавзуъ.** Омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва ҷойгиршавиҳои дигар дар байни ҳамаи омосҳои сар ва гардан яке аз масъалаҳои муҳими соҳаи ҷарроҳии ҷоғу рӯй дар саратоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Ҳангоми интихоб кардани ин ё он усул барои табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва ҷойгиршавиҳои дигар ба натиҷаҳои ташхиси бадастовардашуда, паҳлуҳои мавзеии омосҳои рагӣ, таъминнокии техникии таҳлили клиникӣ, усулҳои қаблан истифодашудаи табобат диққати махсус дода мешавад, барои иҷрокунии ҷарроҳиҳои реконструктивию-барқарорсозӣ ва таҳлилкунии самаранокии онҳо равона гардидааст [Воробьев Ю.И., Надточий А.Г., 1990, Salvatietal. M., 1993; Marunicketal. M.T., 1992; Базаров Н.И. и соавт., 2013; Дусмуратов А.М., 2013; Базаров Д.В., 2016;].

Ҳамин тавр, то имрӯз маълумотҳо дар бораи омилҳои хатар, натиҷабахшии усулҳои муосири ташхис, пешгирӣ, сабабҳо, самаранокии усулҳои табобат, сифати ҳаёти беморони мубтало ба омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтаанд. Аз ин рӯ, гуфтаҳои боло зарурати идома додани ҷустуҷӯйи самтҳои такмил додани пешгирӣ, ташхис ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва ҷойгиршавиҳои дигарро ба миён меоваранд.

**Навоварии илмии таҳқиқот.** Аз ҷониби муаллиф ба таври муфассал омилҳои хатар дар пайдоиш, пешгирии аввалиндараҷа, алгоритми ташхис ва табобатии омосҳои хушсифати рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи муроҷиат, басомад, вазни холиси омосҳои хушсифати рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар дар байни ҳамаи омосҳои сару гардан баҳогузорӣ карда шудааст.

Дар асоси маълумотҳои адабиётҳо хусусиятҳои клиникӣ, анамнезии зуҳуроти морфологӣ, паҳншавӣ, нақши омилҳои хатар дар пайдоиш, пешгирӣ, алгоритми ташхис ва табобатии омосҳои хушсифати рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар баррасӣ карда шуданд.

Исбот карда шудааст, ки ҳангоми ташхиси омосҳои рагӣ дар пӯсти мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва дигар ҷойгиршавиҳо зарур аст, ки бодиққат муоина карда шавад, дар ҳолати ошкор кардани омосҳои рагӣ дар пӯсти мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва дигар ҷойгиршавиҳо саривақт муроҷиат намудан ба клиникае, ки ба ин беморӣ сару кор дорад, барои пешгирии беморӣ мусоидат менамояд.

**Татбиқи натиҷаҳои бадастомада.** Таҳқиқоти мазкур дорои аҳамияти амалӣ мебошад, зеро натиҷаҳои он имконият медиҳанд, ки дар байни аҳолӣ оид ба сабабҳои пайдоиши беморӣ, табобат ва роҳҳои пешгирии омосҳои рагӣ дар пӯсти мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва дигар ҷойгиршавиҳо корҳои иттилоотонӣ ба роҳ монда шавад.

Тавсияҳои таҳияшуда ба фаъолияти амалии муассисаҳои ёрии аввалияи тиббию санитарӣ ва шабакаи умумии тиббӣ имкон медиҳад, ки омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан, гунбади косахонаи сар ва ҷойгиршавиҳои дигар сари вақт муайян карда шаванд ва омӯзиши ҳамаҷонибаи онҳо барои таъйин намудани табобати мувофиқ анҷом дода шавад.

**Дар хулоса** бояд қайд кард, ки кори рисолаи Абдул Қоҳир Қодири дар мавзӯи: «Роҳҳои оптимизатсияи ташхис, пешгирӣ ва табобати омосҳои рагии мавзеи ҷоғу рӯй, гардан ва гунбади косахонаи сар» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафаи (PhD), доктор аз рӯи ихтисосҳои 6D110114 – Стоматология, **6**D110112 – Саратоншиносӣ мустақилона анҷом дода шуда, корҳои илмӣ, тадқиқот, навоварии илмӣ аҳамияти амалӣ дошта, дар сатҳи муосири методӣ амалӣ карда мешаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба таври илмӣ асоснок шудаанд, ки аз мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот бармеоянд. Дар бораи кори диссертатсионӣ фикру мулоҳизаҳои принципиалӣ мавҷуд нестанд. Кори диссертатсионӣ аз ҷиҳати мазмун, ҳаҷм, навигарии илмӣ, хулоса ва тавсияҳои амалӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мушовири илмӣ:**
**номзади илмҳои тиб** Қосимов М.М.

*Имзои Қосимов М.М.-ро тасдиқ менамоям:*
*Нозири кадрҳо: Сафдарова З.Д.*

27.04.2024